# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи **Маҳмудзода Қумринисо Нурали** дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 аз 07.01.2023, №8.1 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: Ҷумъахон Алимӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон, раиси комиссия; Шарипов Анвар Абдурасулович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология, узви комиссия; Қурбонова Умеда Талабовна, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи илмҳои компютерӣ, узви комиссия.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии **Махмудзода Қумринисо Нуралӣ** дар шароити кунунии рушди илми педагогика муҳим ва арзишманд буда, аҳамияти назариявӣ ва амалии муайян дорад.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ (протоколи №7 аз 25.02.2022) ва семинари илмӣ–методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи №6 аз 05.11.2022) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33 ва 53–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии Маҳмудзода Қ.Н. дар шакли 9 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин миқдор 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия ба нашр расидааст.

Кори диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ба таҳқиқи соҳаи арзишманди педагогика бахшида шудааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ аз мавқеи илм ва назария муҳим буда, бори аввал чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ дар робита ба шароитҳои педагогии

ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Мақсади таҳқиқот** - таҳия ва асоснок кардани шароитҳои педагогӣ, инчунин ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути:

– маҷмӯи таҳлилҳои микдорӣ ва сифатии натиҷаҳои ҳамаи марҳилаҳои озмоиш;

– истифодаи методҳои математикии арзёбӣ ва муқоисаи натиҷаҳои корҳои озмоишӣ;

– маҷмӯи маълумоти озмоишӣ бо таҳлили назариявии проблема;

– муқоисаи маълумоти манбаъҳои илмӣ бо натиҷаҳои озмоиш;

– риояи сатҳи дахлдори интихобкунии намуна;

– муайянӣ ва асоснокии назариявии шароитҳои педагогии барои такмили самараноки салоҳиятҳои касбии мутахассисони ояндаи тиб зарурӣ таъмин мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда шуд, ки аз нигоҳи стратегияи илмии татбиқи тадбирҳои педагогӣ ва ташкилӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии муосири низоми таҳсилоти миёнаи махсус асоснокшуда мебошад;

– раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои ояндадори таҳқиқоти илмӣ дар педагогика, ки дорои ҷанбаи байнисоҳавӣ мебошад, таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

– амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ пешниҳод гардид, ки имкон медиҳад фазои таҳсилотиро барои рушди касбии мутахассисони ояндаи тиб мусоид созад;

– шароити педагогии барои такмили бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ зарурбуда ва дар амал батасвибрасида ошкор ва асоснок шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва

консепсияи таълим» (навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим;).

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳти салоҳиятҳои касбии корманди тиб, мо маҷмӯи томи донишҳои касбӣ, муқарраротӣ арзишӣ ва ақидаҳоро дар бораи аҳамияти касби тиббӣ барои ҷомеа, саломатӣ ва ҳаёти инсон дар назар дорем.

2. Раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ раванди динамикӣ буда, дар доираи он дар ҷавонон салоҳияти касбӣ, мавқеи шахсии гуманистӣ ташаккул меёбанд, ки дар муошират бо ҳамсолон ва ҳамкасбон тадриҷан дақиқу амиқ мешавад ва минбаъд ба вазифаи асосии мутахассиси тиббӣ табдил мегардад.

3. Консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои инсонгаросозии таҳсилоти касбии тиббӣ дар ҷанбаҳои зерин муайян гардад: ҷорӣ намудани фазои интерактивии таҳсилот, робитаи мутақобилаи рушди умумӣ ва касбии табиби оянда, арзёбии сатҳи касбии мутахассис бо назардошти муносибати касбии ӯ.

4. Гузариши ҷузъи муҳтавоии таҳсилоти тиббӣ ба равиши антропологӣ ва касбӣ имкон медиҳад, ки ба саломатии инсон мақоми арзиши иҷтимоӣ дода шавад.

5. Барои истифодаи босамари равиши инсонмарказӣ дар такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҷиҳати бозсозии раванди таҳсилот зарур аст, ки шароит барои амалӣ намудани эҳтиёҷоти инфиродии донишҷӯён ҷиҳати фароҳам овардани фазои эҷодкорӣ ва ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ дар муассисаи таълимӣ чораҳои мушаххаси амалӣ андешида шавад.

6. Барои ташкили раванди самараноки такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ зарур аст, ки арзишҳои тиб ба унсури ҷудонопазири ҷузъи муҳтавоии фанҳои алоҳидаи таълимӣ табдил дода шуда, ҷанбаҳои салоҳияти касбии мутахассисониояндаи тиб муайян ва амалӣ карда карда шаванд.

7. Самтгирии раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ ба ҷузъи касбӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯён ба таври назаррас инкишоф дода шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– ба назарияи салоҳияти касбӣ нуқтаҳое ворид карда шуданд, ки нуқтаи назарҳоро дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилоти муосири тиббӣ, умуман, оид ба таҳсилоти тиббӣ дар қаринаи такмили салоҳияти касбӣ тағйир доданд;

– асоснокии назариявии принсипҳо ва қонунияти аз тарафи мо ошкоршудаи салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ оварда шудааст;

– вижагиҳои татбиқи равишҳои ангезавӣ, системавӣ ва ба шахсият нигаронидашуда барои баррасии амсилаи консептуалии такмили салоҳияти касбӣ дар мутахассисони соҳаи тиб муайян карда шуданд.

***Аҳамияти амалии таҳқиқоти*** диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки:

– шароитҳои педагогии такмили салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷ, ки дар рафти таҳқиқот коркард шуданд, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки бо назардошти фаъолона истифода бурдани методҳои интерактивии таълим ба раванди таълим тағйирот ворид кунанд;

– барномаи такмили салоҳиятнокии касбии табибони оянда, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва тасвиб шудааст, салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббиро дақиқ менамояд;

– таъминоти илмию методии такмили салоҳияти касбӣ, ки аз ҷониби муаллифи таҳқиқот таҳия шудааст, ҷузъи муҳтавои раванди таълимро дар ҷараёни омодасозии табибони оянда дар иртибот ба ташаккули салоҳияти касбии онҳо ғанӣ мегардонад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ барои ҳимоя ошкор гардидааст, ки аз саҳми шахсии муҳаққиқ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи Шурои диссертатсиониро ба ҳисоб гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нурали чунин тавсия медиҳад:

а) диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нурали дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад;

**b) ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Дангара интихоб карда шавад**;**

c) **ба сифати муқарризони расмӣ**: Юлдошев Умарҷон – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ Ибни Сино; Файзуллозода Ҳусейн – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов муайян карда шаванд;

d) барои дар Шуро муайян кардани вақти ҳимоя, ҷойгир кардани эълон, паҳн кардани автореферат, дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор: Ҷумъахон Алимӣ

Аъзои комиссияи экспертӣ:

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Шарипов А.А.

номзади илмҳои педагогӣ,
саромӯзгор Қурбонова У.Т.

*Имзоҳои Ҷ. Алимӣ, А.А. Шарипов ва У.Т. Қурбонова - ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

21.01.2023